# ПРОТОКОЛИ №24
## ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ

аз «17» феврали соли 2026 ш.Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

**Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои физикаю математика Каримов Ф.Ҳ.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд бо рамзи 6D.КОА-057 (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) тасдиқ шудааст, 13 нафар, аз ҷумла 2 нафар тариқи маҷозӣ иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Кароматуллои Юсуф унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи йлмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

**Баромад намуданд:** Муовини раиси шурои диссертатсионӣ Каримов Ф.Ҳ. қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур барои баррасӣ ва муҳокима ба шуро пешниҳод шудааст ва моро зарур аст, ки диссертасияро баррасӣ намуда ба экспертизаи аввалия равон намоем.

Котиби илмии шуро Ғайратов М.Т. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ доктороні илмҳои геологию минералогӣ Файзиев Ф.А. ва Ғафуров Ф.Г., номзади илмҳои геологию минералогӣ Фозилов Ҷ.Н. баромад намуда иброз доштанд, ки диссертатсияи Кароматуллои Юсуф унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба экспертизаи аввалия пешниҳод карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
   - доктори илмҳои биологӣ Мамадризохонов А.А.;
   - номзади илмҳои геологию минералогӣ Муродзода А.А.;
   - номзади илмҳои геологию минералогӣ Лоиқзода М.Л.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физикаю математика Каримов Ф.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.